**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илми филология,дотсент Назаров Меҳрубон Ниёзмадович ба диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Дар марҳилаи кунунии инкишофи забоншиносии тоҷик фразеология ҳамчун як илми мустақиле арзи ҳастӣ намуда, масъала ва паҳлуҳои гуногуни он ба доираи таҳқиқот кашида шудаанд. Аммо бисёре аз масъалаҳои мубраму ҳалталаби фразеология ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтаанд ва мунтазири таҳқиқоти минбаъда мебошанд. Ба вижа, омӯзиши сохтори воҳидҳои фразеологӣ барои ҳалли паҳлуҳои норавшани илми фразеология кумак хоҳад расонид. Маҳз ҳамин паҳлуи масъала диққати диссертантро ба худ ҷалб намудааст ва ӯ воҳидҳои фразеологии аз рӯйи қолабҳои муайян сохташударо мавзуи кори таҳқиқотии худ қарор додааст.

Дар диссертатсияи мазкур муайян намудани сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, мақоми онҳо дар пайдоиши фразеологизмҳои нав ва хусусиятҳои муҳимтарини ин падидаи муҳими забоншиносӣ ҳамчун ҳадафи таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аз рӯйи қолабҳои мушобеҳи синтаксисӣ шакл гирифтан ва сохташавии воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ бо истилоҳҳои гуногун, аз қабили «серия», «гнездо», «ряд», «группа», «моделирование» ва ғайра ифода шуда бошанд ҳам, ба назари диссертант истилоҳи нисбатан мувофиқ “воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб” мебошад. Гарчанде дар забоншиносии тоҷик ҷанбаҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда бошанд ҳам, вале то кунун воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор нагирифта буданд. Дар асари Ю.А.Рубинчик «Асосҳои фразеологияи забони форсӣ» боби махсусе ба масъалаи шаклгирӣ, сохтору маънои ибораҳои номии аз рӯйи қолабҳо сохташуда бахшида шудааст. Дар забоншиносии тоҷик оид ба

амсиласозии фразеологизмҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб то кунун таҳқиқоти муфассале ба вуҷуд наомадаанд. Бо вуҷуди ин, баъзе ишораҳоро доир ба имконияти аз рӯйи қолабҳои муайян сохта шудани воҳидҳои фразеологӣ дар асару мақолаҳои забоншиносони тоҷик дарёфт намудан мумкин аст. М. Фозилов дар муқаддимаи фарҳанги фразеологии худ ба имконияти дар натиҷаи иваз шудани ҷузъҳои дохилии фразеологизм ба вуҷуд омадани воҳиди тамоман нав ё «андаке фарқноки» фразеологӣ ишора намудааст. Дар дастурамали таълимии оид ба фразеологияи тоҷик навиштаи таҳқиқотчии шинохтаи фразеология, профессор Ҳ.Маҷидов қайд карда мешавад, ки воҳидҳои фразеологӣ на ҳама вақт дар натиҷаи рехташавии қолабҳои одии синтаксисӣ, балки дар асоси қолабҳои мавҷудаи фразеологӣ низ ба вуҷуд омада метавонанд. Қолабҳои фразеологӣ барои пайдоиш ва шаклгирии воҳидҳои нави фразеологӣ ҳамчун замина ё нусхаи тайёри грамматикӣ ё маъноӣ хизмат мекунанд.

Фразеологизмҳои ҳамқолаб ҳамчун гурӯҳи махсуси воҳидҳои фразеологӣ бисёр масъалаҳои марбути маъно ва шакли воҳидҳои фразеологиро хеле хуб инъикос намуда метавонанд. Омӯзишу таҳқиқи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб барои муайян намудани сабабҳои тағйирёбӣ, таърихи ташаккул ва роҳҳои пайдоиши фразеологизмҳо кумак расонида метавонад. Сабаби мавзуи таҳқиқи рисолаи номзадӣ интихоб шудани масъалаи мазкур низ ба ҳамин вобастагӣ дорад.

Дар диссертатсияи пешниҳодшуда бори аввал силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб таҳқиқ шуда, қолабҳои нисбатан серистеъмоли сохташавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нишон дода мешаванд. Ғайр аз ин, муносибатҳои лексикии категорияҳои гуногуни фразеология – гунаҳо, муродифот, мутазодҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб муайян карда мешаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кор муҳим будани мавзуи таҳқиқшаванда

асоснок карда шуда, ҳадаф ва маводи таҳқиқ нишон дода мешавад, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, мақсаду вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян карда мешавад .

Боби аввал «Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни дигар гурӯҳҳои сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ» ном дошта, аз ду қисм иборат аст: 1) Нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологӣ, ки дар навбати худ ба се зербанд ҷудо карда шудааст: нишонаҳои умумии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ, нишонаҳои махсус ё идиоматикии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ, аҳамияти нишонаҳои сохторӣ дар таснифи гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ. 2)Гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ дар байни онҳо, ки аз ду зербанд иборат аст: ҷумлаҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо, ибораҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо.

Дар фасли аввали боби мазкур диссертант ба аломатҳои муҳим ва фарққунандаи воҳидҳои фразеологӣ диққати махсус дода, аҳамияти онҳоро дар муайян намудани хусусиятҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб қайд менамояд. Ҳамчунин дар фасли дигари ин боб гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ карда шуда, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо таҳлил карда мешавад. Диссертант ибораҳои фразеологиро аз рӯйи ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштанашон ва воситаҳои грамматикии алоқаи байни ҷузъҳояшон гурӯҳбандӣ намудааст. Зимни гурӯҳбандӣ хусусиятҳои фарққунандаи гурӯҳҳои таснифшуда баррасӣ карда мешаванд.

Боби дуюми диссертатсия «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарини онҳо» ба муайян намудани хусусиятҳои сохторию маъноии воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бахшида шуда, аз се фасл иборат аст.

Муаллифи диссертатсия зимни таҳлил хусусиятҳои зерини воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро муайян намудааст: фразеологи-

змҳои ҳамқолаб бо тобишҳои маъноии худ аз ҳамдигар фарқ карда, на фақат муносибатҳои муродифӣ, балки маъноҳои мустақил ва баъзан антонимиро ифода карда метавонанд; чунин фразеологизмҳо аз рӯйи як қолаб сохта шуда, сохтори якхелаи грамматикӣ доранд; фразеологизмҳои ҳамқолаб образҳои якхелаи фразеологӣ доранд; мавҷудияти ҷузъҳои доимӣ ва ивазшаванда яке аз шартҳои муҳими ба як қолаб муттаҳид намудани воҳидҳои фразеологӣ мебошад.

Фасли якуми боби мазкур «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳамчун як навъи махсуси сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ» номида шуда, муаллиф воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро аз рӯйи сохтор ба ду гурӯҳи калон ҷудо менамояд: фразеологизмҳои ҳамқолаби дуҷузъа ва серҷузъа. Шабоҳати ин ду гурӯҳи таснифшуда мавҷудияти ҷузъҳои доимӣ ва ивазшаванда мебошад. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби гурӯҳи якум дар навбати худ ба ду қисм ҷудо карда мешаванд: воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи изофии номӣ ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи феълӣ. Зимни таҳлили онҳо муаллиф ба хулосае меояд, ки дар забони адабии муосири тоҷик иборҳои изофӣ бо яке аз ҷузъҳои қолабсоз хеле кам ба назар мерасанд. Қисми зиёди воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи забони тоҷикиро фразеологизмҳои феълӣ ташкил медиҳанд. Сабаби асосии ин дар табиати аналитикии феъли забони тоҷикӣ зоҳир мегардад. Феъл ҳамчун ҷузъи воҳидҳои фразеологӣ метавонад бо якчанд калима ҳамнишин гардад, ё акси ин, як калима бо якчанд феъл алоқаманд гардад.

Гурӯҳи дуюми воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб – серҷузъа зиёда аз ду калимаро дар бар гирифта, аз ҷиҳати сохтор гуногунанд. Дисертант қолабҳои нисбатан серистеъмоли фразеологизмҳои ҳамқолаби серҷузъаи забони тоҷикиро таҳлил намуда, барои тасдиқи фикри худ маводи сершумореро аз осори адибони тоҷик ҳамчун шоҳид меоварад.

Ҳамчунин дар боби мазкур монандӣ ва фарқияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз гунаҳо ё худ вариантҳои фразеологӣ баррасӣ карда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия – «Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо  дигар категорияҳои фразеологӣ» ба муайян намудани муносибат, шабоҳат ва фарқияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз муродифот ва мутазодоти фразеологӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи забоншиносии муосир мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Зимни баррасии масъалаҳои ҷудогона, муаллифи диссертатсия аз осори назариявии муҳаққиқони соҳа зиёд иқтибос оварда бошад ҳам, ба таҳлилу баррасии онҳо напардохтааст. Бо ҳамин сабаб нуқтаи назари ӯро вобаста ба ин афкор фаҳмидан душвор аст.

2. Диссертант дар бештар маврид зимни овардани иқтибос аз осори адибон ҳам номи муаллиф ва ҳам номи пурраи ин осорро меорад, ки ба назари мо зарурат надорад. Хуб мебуд, муаллиф ба тартиби рақами дар феҳрасти адабиёт ҷойдошта ва саҳифаи ин осор ишора мекард.

3.Мувофиқи мақсад мебуд, агар луғати қолабҳои фразеологии нисбатан серистеъмоли забони тоҷикӣ бо мисолҳо ҳамчун замима оварда мешуданд.

4.Дар ҷо-ҷойи  диссертатсия ва фишурдаи он ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд.

5.Дар мураттаб сохтани феҳрасти адабиёти истифодашуда низ баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи диссертант ба қадри кофӣ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Эроду пешниҳодҳои зикршуда ҷузъӣ буда, бештар хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд, арзиши илмии диссертатсияро низ кам нахоҳанд кард.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» арзиши баланди илмию назариявӣ дошта, таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида ба ҳисоб меравад ва дар инкишофи илми забоншиносии тоҷик, махсусан омӯзиши фразеологизмҳои ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик, мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Назаров М.Н.

Имзои М.Н. Назаровро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Нишонӣ: ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ. 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu. edy.tj

« 28 » апрели соли 2023.